

**22.03.2018 02:33, Иёлоти Муттахидаи Амрико**

21 марти соли 2018 дар шахри Ню Йорки Иёлоти Муттахидаи Америка дар хошияи кушодашавии чорабинӣ бахшида ба Огози Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028” Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттахид Антониу Гутерриш мулокот карданд.

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Антониу Гутерриш барои дастгирии доимӣ аз ташаббусхои марбут ба оби Точикистон дар Созмони Милали Муттахид миннатдорӣ карда, бо итминон иброз доштанд, ки Дахсолаи “Об барои рушди устувор” чихати халли масъалахои об ва пешбарии Хадафи шашуми рушди устувори марбут ба он дар сатхи чахонӣ, минтакавӣ ва миллӣ мусоидат хохад кард.

Дар мулокот масъалахо вобаста ба татбики Рӯзномаи 2030, ислохоти Низоми Созмони Милали Муттахид дар самтхои сулху амният, низоми рушд ва мудирият, инчунин Стратегияи миллии рушди Точикистон барои давраи то соли 2030, ки дар доираи Барномаи рушди Созмони Милал тахиягардида ба хотири ноил шудан ба Хадафхои Рушди Устувор татбик мегарданд, баррасӣ карда шуданд.

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид доштанд, ки Точикистон дар доираи рохандозии рӯзномаи оби Созмони Милал, рӯзхои 20-22-юми июни соли 2018 дар шахри Душанбе Конфронси байналмилалиро оид ба масъалахои об баргузор менамояд.

Зимни мулокот масъалахои хамкорӣ дар масъалаи истифодаи самараноки обу энергетика ба манфиати мардуми Точикистон ва минтака, инчунин “Энергияи устувор барои хама” мухокима карда шуд.

Дабири кулли Созмони Милали Муттахид Антониу Гутерриш накши пешсаф ва пешвогии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро дар масоили обӣ, пешбурди муваффакомези рӯзномаи чахонии об, мубориза алайхи терроризм ва пешгирии ангезиши падидахои он дар минтака ва фаротар аз он кайд намуд.

Дар пуштибонии акидахои Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон Дабири кулли Созмони Милали Муттахид Антониу Гутерриш пайвасти зичи масоили обу энергетикаро ба таври возех таъкид намуд.

Ӯ иброз дошт, ки пешгирии зухуроти тағйирёбии иклим ин тавлиди энергияи аз манбахои тачдидшаванда ва ё баркароршаванда мебошад ки захираву иктидори Чумхурии Точикистон дар он боиси кобили мулохиза аст.

Вобаста ба андешидани тадбирхои муштарак бахри аз байн бурдани гардиши гайриконунии маводи мухаддир, мубориза бар зидди тахдиду хатархои чомеаи чахонӣ аз кабили терроризму экстремизм, Точикистон дар доираи Стратегияи миллии зиддимухаддиротии худ ва дар хамкорӣ бо Созмони Милали Муттахид, Иттиходи Аврупо, Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо ва дигар шарикони рушд рӯзхои 3-4 майи соли 2018 дар Душанбе Конфронси байналмилалии сатхи баландро дар мавзӯи муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ ва тундгароӣ баргузор менамояд.

Бо истифода аз фурсати муносиб бахри кӯмаку дастгирихои Президенти Чумхурии Точикистон Антониу Гутерриш чихати рохандозии хамкорихои густурда бо ниходхои Созмони Милали Муттахид дар пешгирии терроризм изхори сипос намуд.

Дар чараёни мулокот вобаста ба халли масъалахои марбут ба таъмини сулху субот дар кишвари хамсояи мо - Афгонистон, сахми Точикистон дар баркарорсозии инфрасохтори

ичтимоӣ ва иктисодии Афгонистон тавассути пайваст намудани шохроххои наклиётии ду кишвар, бунёди “пули энергетикӣ”-и CASA-1000 ва дигар тадбирхо табодули андеша сурат гирифт.

Дабири кулли Созмони Милали Муттахид Антониу Гутерриш таъкид кард, ки “Ман нигаронии Шуморо дар бораи дурнамои вазъи Афгонистон, ташаннучи вазъ дар Афгонистон дар мубориза алайхи чангчуён, пешгирии терроризм, кочоки маводи мухаддир ва хариду фурӯши одамон хуб дарк менамоям”.

**http://president.tj**